Ба шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-014 -и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич дар мавзуи «Арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Барои таъмини устувории фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар бозор, дар шароити кунунии иқтисодӣ бояд ба ташаккули низоми идоракунии хавфҳо ҳамчун қисми ҷудонашавандаи стратегияи рушди корхона диққати махсус додан лозим аст. Хавф яке ҷузъи ҷудонашавандаест, ки фаъолияти ҳар як ташкилотро, нобобаста аз хидматҳое, ки он пешниҳод мекунад, кори иҷрошуда ё маҳсулоти истеҳсолкардааш ҳамроҳӣ мекунад ва бевосита ба ҳадафҳо ва стратегияҳои корхона таъсир мерасонад. Инчунин барои ҳифз намудани фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхонаҳои саноатӣ дар шароити кунунии ноустувори бозор, муҳити сатҳи рақобат, ғайричашмдошти равандҳои истеҳсолӣ, технологӣ, молиявӣ ва дигар омилҳо, таҳияи стратегияи идоракунии хавфҳои молиявӣ аз ҷониби роҳбарияти корхона зарур мебошад.

Муайянкунии хавфҳо ҳамчун марҳилаи ибтидоии идоракунии хавфҳои молиявӣ ба арзёбии сифатии онҳо ва таҳияи чораҳои мақсаднок барои кам кардани зуҳуроти манфӣ мусоидат мекунад. Барои муайян кардани ҳама хавфҳое, ки корхонаҳои саноатӣ дучор мешавад, таҳияи таснифи хавфҳои молиявиро зарур аст, ки дар ихтиёри корхонаҳои саноатӣ кадом таснифоти хавфро бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти, соҳа ва минтақаи он ба ниёзҳо ва талаботи он бештар ҷавобгӯй мебошад.

Муҳимияти мавзуи барои таҳқиқот интихобшуда дар самаранокии идоракунии хавфҳои молиявии корхона мебошад.

Мавзуи интихобшудаи таҳқиқоти диссертатсия муҳим ва актуалӣ мебошад.

Дараҷаи дурустии муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ, ки рисола таҳия кардааст, ҳалли масъалаҳои муайян ва идоракунии хавфҳои молиявӣ дар саноати хӯрокаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Аз рӯйи автореферат маълум шуд, ки муаллиф, асарҳои илмии олимони рус, хориҷӣ ва ватаниро омӯхта, тамоюлҳои ҷаҳонӣ бо шароити имрӯзаи корхонаҳои саноати хӯроквори таҳлил намуда, ба арзёбии хавфҳои молиявӣ дар ин соҳа таваҷҷуҳ кардааст.

Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии таҳқиқотро фарогир мебошанд.

Бо вуҷуди он ки автореферати диссертатсия дар сатҳи баланди назариявӣ навишта бошад ҳам, дар он баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд.

1. Агар муаллиф он нишондиҳандаҳои саноати хӯроквориро, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нишон дода шудаанд, илова менамуд, ба таҳқиқоти мазкур фоидаи калон мебахшад.

2. Дар ҷумлаҳои матни автореферат хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ мушоҳида мешаванд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои дар боло зикршуда на он қадар ҷиддӣ буда, арзиши илмиву назариявии авторефератро паст намекунанд.

Диссертатсияи Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич дар мавзуи «Арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумхурии Тоҷикистон», дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Раҷабова Н.А.

ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР
ТАДЖИКСКИЙ АГРАРНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ ШИРИНШОХ ШОХТЕМУР
ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚӢ ВА КАДРҲО
ОТДЕЛ ПРАВОВОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ И КАДРОВ